# ПРОТОКОЛИ № 2

## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-075 назди Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

**17 октябри соли 2024** **ш. Душанбе**

17 октябри соли 2024 соати $11^{00}$ дар толори Шурои олимони Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (ш. Душанбе, куч. Гипрозем-17) ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-075 баргузор гардид.

Дар ҷаласа аз 9 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2024 №146/шд тасдиқ шудааст, 9 нафар иштирок доранд.

Оид ба оғози кори Шуро кӣ чӣ гуна пешниҳод дорад? Пешниҳод гардид, ки ба кори Шуро оғоз бахшида шавад. Кӣ ҷонибдори он, ки кори Шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намоед. Тарафдор - 9 нафар, муқобил, бетараф? Нест. Якдилона кабул гардид.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Баррасии хулосаи комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-075 назди Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед дар мавзӯи “Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.07 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ.

**Шунида шуд:** доктори илмҳои кишоварзӣ Эргашев Даврон Дадаҷонович., раиси комиссияи экспертӣ (протоколи №1аз 19 сентябри соли 2024), ки хулосаи комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед баён намуд.

Диссертатсияи Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед дар мавзӯи “Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ”, таҳти роҳбарии доктори илмҳои кишоварзӣ Раҳимов Шарофҷон Тоҳирович ба иҷро расонида шудааст. Ин мавзуи илмӣ дар асоси барномаи комплексии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур оид ба чорводорӣ (рақами ба қайдгирии давлатӣ РКД: 0116TJ00549) анҷом дода шудааст.

Хулосаи диссертатсия аз рӯйи мавзуъ ва мундариҷааш ба ихтисосҳо ва соҳаҳои илм мувофиқат мекунад. Ба Шурои диссертатсионии

6D.KOA-075 ҳуқуқ дода шудааст, ки онро барои ҳимоя қабул кунад.

Таҳқиқотҳои илмӣ дар ҳудуди ихтисоси 06.02.07 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ, ва ҳуҷҷати расмии КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон (илмҳои кишоварзӣ) гузаронида шудаанд.

Шурои диссертатсионӣ ахбороти раиси комиссияи экспертӣ д.и.к. Эргашев Д.Д.- ро оид ба кори диссертатсионии Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед дар мавзӯи "Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.07 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ шунида, чунин қарор мекунад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Ахбороти раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои кишоварзӣ Эргашев Д.Д., ба инобат гирифта шавад.

2. Диссертатсияи Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед дар мавзӯи "Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.07 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ, ба ҳимоя қабул карда шавад.

3. Бо пешниҳоди Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ ва дар асоси банди 69 Низомномаи "Тартиби додани дараҷаи илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, шахсони зерин муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

**Рузибоев Нураддин Раҳимович** – доктори илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.01 – Зотпарварӣ, селексия генетика ва такрористеҳсолкунии ҳайвоноти кишоварзӣ, профессор мудири шуъбаи Оҳангарони Институти илмӣ – таҳқиқотии чорводорӣ ва парандапарварии Ҷумҳури Узбекистон;

**Шокирӣ Камолиддин Маҳмадалӣ** - номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси 06.02.10 – Зоотехнияи ҷузъӣ, технологияи истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ, роҳбари ООО "ДиЭйАй Глобал дар Тоҷикистон".

Ба ҳайси муассисаи пешбар - **Институти илмӣ - таҳқиқотии чорводорӣ ва истеҳсоли хӯрокаи Қазоқистон** муқаррар карда шавад.

**Санаи ҳимоя** 24 декабри соли 2024, соати 10:00 муқаррар карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ҷойгир намудани

автореферат дар сомонаи муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода швад. Барои чопи автореферати бо ҳуқуқи дастнавис ба миқдори 100 дона иҷозат дода шавад.

Омода намудани хулосаи Шурои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияи Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед ба уҳдаи доктори илмҳои кишоварзӣ Эргашев Д.Д., ва номзади илмҳои кишоварзӣ Наботов С.Қ., вогузор карда шавад.

Аз рафти ҷаласа чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 9, муқобил – нест, бетараф – нест. Якдилона ҷонибдорӣ гардид.

Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ Н.А. Раҷабов

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои биологӣ Ф.Ҷ. Шералиев

Имзоҳои Раҷабов Н.А. ва Шералиев Ф.Ҷ.- ро
тасдиқ мекунам: нозири кадрҳои Институти
чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ Асоева С.

17.10.2024.